Тадқиқоти диссертатсионӣ иловатан ба талаботи Стратегияи миллии назорати маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 мувофиқат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАДҚИҚОТ

**Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ ин** беҳтар намудани таъминоти тактикӣ-криминалистии тафтишоти ҷиноятҳо бо назардошти хусусиятҳои ҳуқуқтадбиқкунии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ алоқаманданд.

Ин мақсад ҳалли вазифаҳои зеринро пешбинӣ мекунад:

– омӯзиши ҳолати муосири ҷинояткорӣ, ки бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд мебошад;

– таҳлили ҷанбаҳои назариявии таъминоти тактикӣ-криминалистии тафтишоти ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор бо роҳи омӯзиши назарияҳои заминавии криминалистӣ, равишҳои методологӣ ва моделҳои амалии тафтишот, инчунин омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ оид ба муқовимат ба ҷиноятҳои зикршуда;

– тадқиқоти ҷанбаҳои амалии таъминоти тактикӣ-криминалистии тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он таҳлили ташкили фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, тактика ва стратегияи гузаронидани амалиёти махсус, усулҳои тадқиқот ва таҳлили ҷараёнҳои молиявӣ, истифодаи имкониятҳои экспертизаи криминалистӣ ва судӣ-тиббӣ дар тафтиши ҷиноятҳо марбут ба маводи мухаддирро дар бар мегирад;

– омӯзиши хусусияти ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла таҳлили шароити маҳаллӣ, қонунгузорӣ, хусусияти ташкили фаъолияти низоми ҳифзи ҳуқуқ ва ҳамкории он бо шарикони байналмилалӣ;

– додани тавсифи маҷмуӣ ба вазъи ҷории таъминоти тактикӣ-криминалистии тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани мушкилоти калидии татбиқи он ва муайян намудани самтҳои ояндадори баланд

бардоштани самаранокии мубориза бо ҷинояткорӣ дар самти маводи мухаддир.

**Объекти тадқиқот** фаъолияти ҷиноятии ҳам шахсони алоҳида ва ҳам гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ мебошад, ки фаъолияти зиддиҳуқуқии бо истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, паҳнкунӣ ва истеъмоли воситаҳои нашъадор алоқамандро дар бар мегирад.

**Мавзуи (предмет) тадқиқот** қонуниятҳои ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таъминоти тактикӣ-криминалистии тафтишоти ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи тадқиқот.** Тадқиқоти диссертатсионии мазкур дар давраи таҳсил дар адъюнктура, дар кафедраи криминалистики Комплекси таълимию илмии тафтишоти пешакии мақомоти корҳои дохилии Академияи ВКД Россия дар ш. Волгоград (2016-2019) оғоз гардида, дар давраи унвонҷӯи дар кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2022-2025) анҷом дода шудааст.

Ба сифати **асосҳои назариявии тадқиқот** тадқиқоти илмии олимони маъруф дар соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ, мантиқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиавӣ-ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурӣ, криминалистика, экспертизаи судӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ баромад кардааст.

**Асоси методологии тадқиқотро** усули диалектикии дарки ҳодиса ва равандҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳад, ки ин барои баррасӣ намудани онҳо дар инкишофи доимӣ, дар робитаи зич ва вобастагии ҳамдигар имконият медиҳад. Дар рафти тадқиқот усулҳои мантиқӣ, системавӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода шуда, тадқиқоти мушаххаси сотсиологӣ ва ҷамъбасти амалияи судӣ-тафтишотӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд.

**Заминаҳои эмпирики тадқиқотро** маълумоти омории Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъи ҷинояткорӣ дар ҷумҳурӣ дар давраи аз соли 2014 то соли 2024, маълумоти омории Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз соли 2014 то соли 2024, таҷрибаи судии Суди Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои солҳои 2015 – 2024, натиҷаҳои назарсанҷӣ, ки аз соли 2014 то соли 2024 аз 300 нафар пурсидашудагон гирифта шуданд, аз ҷумла муфаттишон, таҳқиқбарандагон ва кормандони оперативии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои марҳилаи ибтидоии тафтишоти ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маълумотҳо, ки ҳангоми таҳлили 950 парвандаи ҷиноятӣ, ки онҳо аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз соли 2014 то соли 2024 баррасӣ шуданд, ташкил медиҳанд.

**Навоварии илмӣ** дар ташаккули равиши илман асоснокгардашуда ба тафтиши ҷиноятҳо, ки бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо назардошти хусусияти ҶТ алоқаманд мебошанд, ифода меёбад. Инчунин механизмҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ-методии ҳамкории воҳидҳои тафтишотӣ бо мақомот, ки муқовиматро бо ҷиноятқорӣ дар самти маводи мухаддир амалӣ менамояд, тадқиқ карда шудаст. Муқаррароти назариявии коркардшудаи методикаи гурӯҳии тафтишот имконият медиҳад, ки фаъолияти мақомоти тафтиши пешакӣ такмил дода шуда, самаранокии он баланд бардошта шавад.

**Нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Тадқиқот тасдиқ мекунад, ки вазифаи баланд бардоштани самаранокии муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия баробар муҳим мебошад. Дар ин робита, аз ҷониби муаллиф равиши ғайримуқаррарӣ оид ба муайян кардани тавсифи криминалистии ҷиноятҳои марбут ба маводи мухаддир ҳамчун як системаи ҳамаҷонибаи маълумоти криминалистӣ ва тафтишотӣ-ҷустуҷӯидошта пешниҳод карда мешавад, ки он барои ошкор ва тафтиши онҳо равона шудааст. Ташаккули системаи мазкур аз шабоҳати асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, мавҷудияти омилҳои хоси таъсиррасон ба раванди ошкоркунии ҷиноятҳои зикршуда, инчунин мутобиқати камбудиҳои хос дар таъминоти криминалистӣ оид ба мубориза бо ҷиноятқорӣ марбут ба маводи мухаддир вобаста мебошад.

2. Хулоса оид ба мақсаднокии беҳтаркунии таъминоти тактикӣ-криминалистии тафтишоти ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ асоснок карда шудааст. Равиши мазкур барои ташаккули асоси ҳамаҷонибаи методологӣ, ки муқаррароти заминавии методикаи тафтишоти ин категорияи ҷиноятҳоро дар бар мегирад, инчунин, ба таъсиси механизмҳои назорати истифодаи методикаҳои дахлдор ҳангоми тафтишоти парвандаҳои мушаххас равона шудаст, ки ин барои баҳогузории самараноки ва муҳиммияти амалии онҳо имконият медиҳад.

Муайян кардан ва таҳлили усулҳои маъмулии содир кардани ҷиноятҳои баррасишаванда имконият медиҳад, ки методикаи дурусти тафтишот интихоб карда шавад.

3. Муҳиммияти равиши маҷмуӣ барои муайян кардани ҳолатҳои фаъолияти ҷиноятӣ дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, айнияткунонии шахсияти ҷинояткор бо истифодаи маълумоти ташхисӣ ва айнияткунонӣ, ки аз изҳои моддии категорияҳои гуногун ба даст оварда мешаванд, асоснок карда мешавад. Ҳаҷми маводи тадқиқшаванда аз рӯи ниёзҳои амалияи тафтишотӣ ва вазифаҳои тафтишоти самараноки ин гурӯҳи ҷиноятҳо муайян карда мешавад.

4. Дар рафти ин тадқиқот аз ҷониби муаллиф муқаррарот оид ба зарурати тафриқаи изҳои моддӣ, ки ҳамчун дорои маълумоти гуногун аз ҷиҳати криминалистӣ муҳим дар бораи ҳолатҳои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ баромад мекунанд, асоснок карда шудаст. Вобаста ба пайдоиш, сохтор ва мазмуни иттилоотии онҳо пешниҳод карда мешавад, ки чунин изҳо ба якчанд гурӯҳҳои мустақил тасниф карда шаванд: аз изҳои моддӣ ва технологӣ то изҳои трассологӣ, микроскопӣ, иттилоотӣ, фазоӣ-вақтӣ ва изҳо, ки бо истифодаи воситаҳои техникӣ ва ашёҳо алоқаманд мебошанд. Ин таснифот имкониятҳои истифодаи ҳамаҷонибаи иттилооти далелҳоро дар амалияҳои тафтишотӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ васеъ мекунад.

**Аҳаммияти назариявӣ** дар он мебошад, ки дар рисола таснифоти гурӯҳии изҳои моддии ҷиноятҳо, ки бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ алоқаманд мебошанд, илман асоснок карда шудаст. Натиҷаҳои тадқиқот равишҳо ва консепсияҳои нави назариявиро барои

таҳлил ва дарки усулҳои тафтишоти ин намуди ҷиноятро пешниҳод мекунад, аз ҷумла тадқиқоти ангезаҳо ва омилҳо, ки боиси пайдоиши чунин ҷиноятҳо мегарданд, инчунин таҳияи моделҳои назариявии ҷинояткорӣ дар ин соҳа.

**Аҳаммияти амалӣ** дар он мебошад, ки дар рафти тадқиқот чораҳо оид ба беҳтар намудани самаранокии тафтишоти ҷиноятҳо, инчунин тавсияҳо ва қарорҳои амалӣ, ки ба беҳтар кардани таъминоти тактикӣ-криминалистии тафтишоти ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ равона мешаванд, пешниҳод карда шуданд. Ин чораҳо таҳияи усулҳои нави ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот, беҳтар намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва истифодаи самараноки ташхисҳои криминалистиро дар бар мегиранд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни тадқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар тадқиқот аз он иборат мебошад, ки ғояҳои асосии дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, ки барои ҳимоя пешниҳод шуданд, муқаррарот, хулосаҳо ва ҷамъбастҳо, тавсияҳои амалӣ метавонанд барои такмил ва рушди минбаъдаи методологияи криминалистии ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо аҳамияти назаррас дошта бошанд. Нашрияҳои илмӣ ва баромадҳои муаллиф дар конфренсияҳои гуногуни илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ салоҳияти ӯро дар масъалаҳои дар диссертатсия тадқиқшаванда тасдиқ мекунанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои тадқиқот.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима карда шуд.

Муқаррароти асосии тадқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳо ва маҷаллаҳои илмӣ тасвиб ёфтанд: «Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2017), (2019), (2020), (2023), (2025); «Паёми Академияи Волгоградии ВКД Россия» (2018), (2019); «Осори Академияи идоракунии ВКД Россия» (2019); «Маҷаллаи ҳуқуқии Евроосиё» (2019); «Қонунгузорӣ» (2025).

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар маълумот ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои байналмилалии илмӣ-назариявӣ инъикос ёфтаанд: «Криминалистика ва фаъолияти судӣ-экспертӣ: назария ва амалия: маводҳои V конференсия илмӣ-амалӣ умумироссиявӣ» (19 майи соли 2017); «Илми ҳуқуқии муосир: назари назариявӣ ва амалия: маҷмӯаи мақолаҳои конференсия байналмилалии илмӣ-амалӣ» (10 июли соли 2017); Маҷаллаи илмӣ иттилоотию таҳлилӣ «НаркоФронт» (соли 2017); I Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқ ва амалия», ки ба рӯзи Илми тоҷик бахшида шудаст (ш. Душанбе, 29 апрели соли 2022); II Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи « Илми ҳуқуқ ва амалия», ки ба рӯзи Илми тоҷик бахшида шудаст (ш. Душанбе, 29 апрели соли 2023 ); III Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқ ва амалия», ки ба рӯзи Илми тоҷик бахшида шудаст (ш. Душанбе, 19 апрели соли 2024 ).

Натиҷаҳои тадқиқот дар раванди таълим ҳангоми омӯзиши курси криминалистика дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон, Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардида, инчунин дар фаъолияти амалӣ татбиқ карда мешаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи рисола 18 мақолаи илмӣ нашр карда шуданд, аз ҷумла 10 мақолаи илмӣ дар нашрияҳо, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва маълумоти олии Федератсияи Россия тавсия карда шуданд, 8 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо нашр карда шуданд.

**Сохтори диссертатсия** аз рӯи объект ва предмети тадқиқот, мақсад ва вазифаҳои дар назди тадқиқот гузошташуда муайян карда мешавад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 7 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашаванда, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати нашрияҳои илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва замимаҳои дахлдор иборат мебошад. Номгӯ ва пайдарпайии бобҳо ва зербобҳо аз рӯи мантиқи тадқиқот ва тартиби ҳалли вазифаҳои гузошташуда муайян карда мешаванд. Ҳаҷми умумии рисола 218 саҳифа дар бар мегирад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ТАДҚИҚОТ

Муқаддимаи рисола вазифаи роҳнамои методологӣ ва консептуалии тамоми корро иҷро мекунад. Дар он проблемаи илмӣ муайян карда шуда, мубрамияти он бо дарназардошти ҳолати муосири илми ҳуқуқ ва амалия асоснок карда мешавад. Таҳлили дараҷаи коркарди мавзуъ имконият медиҳад, ки объект ва мавзуи тадқиқот муайян карда шуда, мақсад ва системаи вазифаҳои ба ҳам алоқаманд равшан карда шаванд. Дар муқаддима усулҳо ва равишҳои назариявии истифодашуда равшан карда шуда, асоси меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва маводи эмпирикии тадқиқот тавсиф карда мешавад. Дар хулосаи қисми муқаддимавӣ навоварии илмии кор, таҳияи муқарраротӣ ба ҳимоя пешниҳодшаванда, асосноккунии эътимоднокии натиҷаҳо, тавсифи шаклҳои амалисозӣ ва татбиқи онҳо пешниҳод карда мешавад.

**Боби якум «Тавсифи криминалистии фаъолияти ҷиноятӣ дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ва унсурҳои асосии он»** аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум **«Вазъи муосир ва чораҳои муқовимат ба ҷинояткорӣ, ки бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд мебошанд»** вазъи ҷории ҷинояткорӣ дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, самтҳои асосии мубориза бо ин таҳдид баррасӣ карда мешавад. Хулоса дар бораи он асоснок карда мешавад, ки паҳншавии маводи мухаддир ба амнияти ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонад, саломатӣ ва некӯаҳволии шаҳрвандонро бад мекунад ва барои фаъолияти сохторҳои муташаккили ҷиноятӣ ва робитаҳои коррупсионӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Таваҷҷуҳи махсус ба хусусиятҳои иҷтимоии ҷиноятҳои марбут ба маводи мухаддир зоҳир карда мешавад. Қайд карда мешавад, ки ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор асосан шахсоне ҷалб карда мешаванд, ки бо фаъолияти фаъоли меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ машғул мебошанд ва ин ба ҷиноятҳои мазкур дараҷаи баланди хатари ҷамъиятӣ бахшида, истифодаи чораҳои ҳамаҷонибаи огоҳонӣ ва ҳифзи ҳуқуқро талаб мекунад.

Ба он нигоҳ накарда, ки тибқи омори расмӣ ҳиссаи нашъамандони 18-34 сола каме коҳиш ёфтааст, нишондиҳандаҳои миқдории маводи мухаддири мусодирашуда тамоюли коҳиши

шабеҳро нишон намедиҳад. Баръакс, дар давраи солҳои 2014 - 2024 аз ҷониби сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ зиёда аз 45 тонна воситаҳои нашъадор мусодира карда шуд, ки ин дар бораи устуворӣ ва миқёси бозори ғайриқонунии маводи мухаддир шаҳодат дода, нигоҳ доштани сатҳи баланди ҷиноятҳои марбут ба маводи мухаддирро тасдиқ мекунад [29].

Шумораи бештари ҷиноятҳои ошкоршуда ба ҷиноятҳо, ки бо моддаи 200 **КҶ ҶТ** (Муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо мақсади  ба соҳибияти каси дигар додан) пешбинӣ шудаст, алоқаманд мебошанд. Дар соли 2024 шумораи онҳо ба 503 адад расид, ки нисбат ба соли гузашта беш аз чоряк афзоиш ёфтааст. Ҷиноятҳо, ки бо моддаи 201 **КҶ ҶТ** тасниф карда мешаванд, низ афзоиш ёфта, дар натиҷа саҳми онҳо дар маҷмӯъ ба 12% афзоиш ёфтанд.

Иттиҳодияҳои ҷиноятӣ, ки ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ҷалб карда шуданд, бо ташкили мураккаби функсионалӣ ва тақсимоти вазифаҳо байни иштирокчиён фарқ мекунанд. Барои чунин гурӯҳҳо робитаҳои қавии дохилӣ, тақсими вазифаҳои махсуси ҷиноятӣ, мартаботии сохтор бо ҷудо намудани роҳбарон ва иштирокчиёни фаъол, инчунин амалӣ намудани фаъолият берун аз ҳудуди як минтақа ё давлат хос мебошад. Ҳамчун нишонаи муҳим инчунин мавҷуд будани робитаҳои коррупсионӣ бо намояндагони мақомоти давлатӣ, аз ҷумла кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баромад мекунад.

Сохторҳои ҷиноятии муосири байналмилалӣ дорои иқтидори назарраси захиравӣ мебошанд, ки татбиқи чораҳоро оид ба муқовимат бо фаъолияти онҳо ҳам аз ҷониби давлатҳои алоҳида ва ҳам ҷомеаи ҷаҳонӣ дар маҷмуъ ба таври назаррас душвор мегардонад. Иттиҳодҳои ҷиноятии мазкур фаъолона имкониятҳои техникӣ ва молиявиро истифода мебаранд, ки ин барои устувор нигоҳ доштани муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир имконият медиҳанд.

Ҳамзамон, тағйир додани вазъи кунунии марбут ба маводи мухаддир танҳо тавассути татбиқи ҳамаҷониба ва самараноки чораҳои пешгирикунанда ва муқовимат ба ҷиноткории марбут ба маводи мухаддир имконпазир мебошад. Ин назорати мунтазами мақомоти нигоҳдории тандурустӣ, беҳтар кардани ҳамкории байнидавлатӣ ва байналмилалӣ ва тақвияти иқтидори сохторҳои ҳифзи ҳуқукро талаб мекунад.

Чи хеле, ки амалия нишон медиҳад, манъкуниҳои ҳуқуқӣ барои аз байн бурдани муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ нокифояанд, зеро талаботи доимӣ ба ин моддаҳо бешубҳа пешниҳоди онҳоро ба вуҷуд меорад ва нигоҳ медорад. Аз ин рӯ, аҳаммияти афзалиятиро фаъолияти огоҳикунӣ ишғол мекунад.

Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати самаранок оид ба тарғиби тарзи ҳаёти солим амалӣ карда мешавад, ки дар натиҷа шумораи нашъамандон коҳиш ёфтааст. Ин кор ба рушди минбаъда ва густариши доимӣ ниёз дорад.

Дар зербоби дуюми боби якум **«Таъминоти тактикӣ ва криминалистии тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ»** муаллиф мафҳум ва аҳаммияти тавсифи криминалистиро ҳамчун унсури методологияи тафтишоти инфиродӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамзамон, муаллиф мавқеи олимон-криминалистонро (О.Я. Баев, И.А. Возгрин, И.Ф. Пантелеев, В. Г. Танасевич, Н. П. Яблоков, Д.С. Қодиров) дастгирӣ мекунад, ки онҳо ба ин категория ҳамчун як системаи сохторёфтаи иттилооти криминалистии дорои хусусияти тафтишотӣ ва роҳнамоӣ муносибат мекунанд, ки дар онҳо қонуният ва робитаҳои устувори аломатҳои ҷиноятҳои ҳаммонанд муайян шуда, дар ошкор ва тафтиши парвандаҳои мушаххаси ҷиноятӣ истифода мешаванд.

Таҳлили хусусиятҳои криминологии ҷинояткори моводи мухаддир нишон медиҳад, ки аксарияти онҳо мардони аз 30 боло, муҷаррад, ҷои кори муайян надоранд ё таҳсилкунанда мебошанд. Қисми назарраси ин шахсон қаблан барои ҷиноятҳои ҳаммонанд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда буданд, ки ин дар бораи хусусияти ретсидивизм шаҳодат медиҳад. Ба сифати ангезаҳои асосӣ ба даст овардани фоидаи молиявӣ ва хоҳиши ворид шудан ба гурӯҳи ҷиноятӣ баромад мекунанд. Маконҳои маъмултарини содиршавии ин ҷиноятҳо кӯчаҳо, биноҳои истиқоматӣ ва иншооти фароғатӣ мебошад.

Амалияи муқовимат ба қочоқи маводи мухаддир нишон медиҳад, ки шахсоне, ки бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ машғул мебошанд, усулҳои гуногуни пинҳон кардани онҳоро истифода мебаранд. Ба усулҳои маъмултарин ҷойгир кардани моддаҳои манъшуда дар қисмҳои

махсуси тарҳрезишудаи бағоҷ ва дастовез, пинҳон кардани онҳо дар маҳсулоти хӯрокворӣ, молҳои варзишӣ, ашёи рӯзгор ва саноатӣ, инчунин истифодаи таҷҳизот, техникаи сохтмонӣ ва ҳайвоноти хонагӣ мебошад. Тасвирҳои усулҳои мушаххаси пинҳонкунӣ дар аксҳои замимашуда оварда шуданд.

Алоқамандии хусусиятҳои криминалистии ҷиноятҳо бо мавзуи исботкунӣ ва хусусиятҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ шабоҳати муайянро дар байни онҳо муайян мекунад. Аммо, категорияҳои мазкур вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд ва онҳо наметавонанд ҳамчун ҳаммонанд баррасӣ карда шаванд. Хусусиятҳои криминалистӣ барои ба тартиб ва низом даровардани маълумот дар бораи кирдори содиршуда бо мақсади тафтиши он даъват шудаст, яъне вақте ки таркиби ҷиноят ва мавзуи исботкунӣ барои муқаррар кардани ҳолатҳои муҳимми ҳуқуқӣ ва ҳалли масъала дар бораи кашидани шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ истифода мешаванд.

Ҷамъбасткунӣ имконият медиҳад, ки унсурҳои тавсифи криминалистӣ ва мавзуи исботкунӣ, гарчанде ки як амали ҷиноятиро инъикос карда бошанд ҳам, вазифаҳои гуногунро иҷро карда, ташаккули хулосаҳои гуногунро пешбинӣ мекунад. Модели криминалистии ин намуди ҷиноят системаи мушахаси унсурҳои ҳаммонандро ифода мекунад. Нисбат ба ҷиноятҳо, ки бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ алоқаманд мебошанд, чунин моделро ҳамчун системаи маълумоти ҷустуҷӯӣ-тафтишотӣ баррасӣ намудан мақсаднок мебошад, ки он хусусиятҳои маъмулии криминалистии онҳоро инъикос карда, ба муфаттиш дар таҳияи ангеза ва банақшагирии тафтишот роҳнамоӣ мекунад.

Ба низом даровардани мавқеъҳо, ки дар адабиёти криминалистӣ пешниҳод шуданд, барои асоснок намудани хулоса дар бораи зарурати ташаккули таснифи криминалистии бисёрунсурии ҷиноятҳо, ки бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ алоқаманд мебошанд, имконият медиҳад. Мантиқан, чунин тавсиф асосан ба таркиби ҷиноят мувофиқат мекунад ва маълумотро дар бораи субъекти суиқасди ҷиноятӣ, ҳолат ва механизми фаъолияти ҷиноятӣ, нишонаҳои хос, шахсияти ҷинояткорон ва усулҳои истифодашуда барои содир кардани ҷиноятҳо дар бар мегирад.

Чи хеле, ки тадқиқот нишон медиҳад, тавсифи криминалистии ҷиноятҳо на танҳо вазифаи назариявӣ, балки амалиро низ иҷро мекунад. Аҳаммияти амалии он дар он ифода

меёбад, ки аломатҳои хоси ҷиноятҳои намуди муайян асосро барои пешниҳоди фарзияҳои асоснок дар бораи ҷинояти содиршуда ва барои сохтани модели беҳтарини тафтиши он фароҳам меорад.

Баланд бардоштани самаранокии тафтишот асосан тавассути муайян кардани ҳамбастагӣ байни унсурҳои тавсифи криминалистӣ ба даст оварда мешавад. Маҳз мавҷудияти чунин муносибатҳо бояд ҳамчун асос барои ташаккули сохтори модели криминалистӣ баррасӣ карда шавад, ки мазмун ва таркиби он аз рӯи хусусиятҳои намуди мушаххаси ҷиноят муайян карда мешавад.

Боби дуюм **«Унсурҳои асосии таъминоти тактикӣ-криминалистии тафтишот дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ва моделҳои намунавии онҳо»** се зербоби бо ҳам алоқамандро дар бар мегирад, ки дар доираи он ҷанбаҳои алоҳидаи таъминоти криминалистии тактикаи тафтишоти моддаҳои зикршуда баррасӣ карда мешаванд.

Зербоби якуми боби мазкур **«Унсурҳои асосии тавсифи криминалистии ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ»** ба омӯзиши ҷузъҳои асосии криминалистии тавсифи ҷиноятҳои зикршуда ва нақши онҳо дар ташаккули заминаи иттилоотӣ барои муқаррар кардани ҳолати ҳодисаи мушаххаси ҷиноятӣ нигаронида шудаст.

Аз мавқеи криминалистика муҳимияти маълумот дар бораи маводи нашъадор ё моддаи психотропӣ - предмети суиқасди ҷиноятӣ дар он мебошад, ки онҳо бо дигар унсурҳои аломатҳои криминалистӣ робитаи мутақобила доранд. Ашёҳо, аз ҷумла асбобу анҷомҳои махсус ва таҷҳизот, ки дорандаи иттилооти пурарзиши криминалистӣ баромад мекунанд. Омӯзиши онҳо имконият медиҳад, ки маълумот дар бораи усулҳо ва технологияҳои истеҳсол, макони ҷойгиршавии истеҳсолот муайян карда шуда, тасаввурот дар бораи тавсифи касбӣ ва шахсии субъекти ҷиноят ба даст оварда шавад, ки ин ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ арзиши муҳимми далелӣ дорад.

Шароити содир намудани ҷиноят муҳити ҳамчун системаи объективии шароит ва ҳолат тавсиф карда мешавад, ки дар доираи он рафтори зиддиҳуқуқии шахс амалӣ карда мешавад. Муаллиф бо фикри Г.М. Меретуков розӣ мебошад, ки ӯ мешуморад, ки шароит «ба раванд ва ҷараёни инкишофи ҷиноят, муайян кардани механизми он таъсири бевосита дорад, ба қонунияти ба вуҷуд

омадани маълумот дар бораи ҳодисаи таҳқиқшаванда ишора мекунад, ки он метавонад ба ташаккули ҳамаи дигар унсурҳои тавсифи криминалистии ҷиноят таъсир расонад ва хусусияти рафтори шахсони иштироккунандаро муайян намояд».

Муайянкунии дуруст ва баҳогузории аз ҷиҳати криминалистика асоснокшудаи шароити объективии содир кардани ҷиноят аҳаммияти муҳимми амалӣ дорад, зеро дар як қатор мавридҳо онҳо имконият медиҳанд, ки доираи иштирокчиёни эҳтимолии фаъолияти ҷиноятӣ муайян карда шавад, номувофиқатӣ байни бегуноҳии изҳоршуда ба маълумоти воқеӣ муайян карда шавад ва инчунин, тактикаи самараноки гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки ба ташаккули заминаи далелҳо нигаронида шудаанд, муайян карда шавад.

Механизми содир намудани ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар системаи тавсифи криминалистии онҳо мавқеи марказиро ишғол менамояд, барои он ки ташкили марҳилавии фаъолияти ҷиноятӣ ва робитаҳои функсионалиро байни унсурҳои он ва ҷараёни инкишофи рафтори иштирокчиён инъикос менамояд. Робитаи амалҳои рафторӣ як системаи комили нишонаҳои аз ҷиҳати криминалистӣ муҳимро ташкил медиҳад.

Фаъолияти ҷиноятии муташаккил, ки бо истеҳсоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, инчунин ба соҳибияти каси дигар додани онҳо алоқаманданд, бо паҳнкунии марҳилавӣ ва мавҷудияти сохтори устувори ташкилӣ тавсиф карда мешавад, ки онро бо механизми фаъолияти соҳибкории расмӣ муқоиса кардан мумкин аст.

Дар марҳилаи ибтидоӣ таҳлили вазъияти криминогенӣ, ки дар бозори муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ дар минтақаи муайян ба вуҷуд омадааст, амалӣ карда мешавад, сипас самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҷиноятӣ муайян карда мешавад – ташкили истеҳсолот бо соҳибияти каси дигар додани онҳо ё ташкил кардани роҳҳои қочоқи онҳо. Унсури ҷамъбастии марҳилаи мазкур ин банақшагирии стратегии фаъолияти минбаъдаи ҷиноятӣ мебошад.

Барои интихоб ва амалигардонии усулҳои омодашавии фаъолияти ҷиноятӣ омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, ки онҳо бо предмети суиқасди ҷиноятӣ ташкили гурӯҳи шахсони устувор, таъсис додани шабакаи паҳнкунии воситаҳои нашъадор ё

моддаҳои психотропӣ, муқаррар намудани ҷой ва вақти фурӯши моддаҳои нашъадор (психотропӣ), тартиби интиқоли маводи мухаддир ва гирифтани маблағ, андешидани чораҳои муқовимат ҳангоми фош кардан, алоқаманд мебошанд.

Ҳамзамон фаъолияти ҷиноятӣ дар соҳаи баррасишаванда инчунин маҷмуи усулҳои пӯшонидани ҷиноятро дар бар мегирад, ки он ба монеъ шудан ҳангоми муқаррар намудани ҳақиқат аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ равона шудааст. Ин амалҳо на танҳо марҳилаи тайёр кардани ҷиноят ва амалигардонии онро, балки марҳилаи баъд аз ҷиноятро низ дар бар мегирад.

Дар диссертатсия маълумот оид ба истифодаи усулҳои гуногун барои пинҳон кардани фаъолияти баррасишаванда аз ҷониби ҷинояткорон дар марҳилаҳои гуногун, аз ҷумла алоқаи мобилӣ ва шабакаи компютерии умумҷаҳонии Интернет пешниҳод шудааст. Дар шароити муосир гурӯҳҳои муташаккил, ки муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропиро амалӣ мекунанд, таҷҳизоти молиявиро, ки бо табдили пули электронӣ ба криптовалюта ва баръакс алоқаманд мебошанд, ҳамчун усули ҳисобкунӣ барои фаъолияти ҷиноятӣ ва воситаи қонунигардонии даромадҳо истифода мебаранд. Истифодаи усулҳои зикршуда ба раванди бақайдгирии фаъолияти ҷиноятӣ таъсири манфӣ расонида, барои муқаррар намудани робитаи сабабӣ-оқибатӣ байни маблағҳо, ки бо роҳи ҷиноят бадаст оварда шудаст ва шахсоне, ки ин амалиётҳоро содир мекунанд, душвориҳоро ба миён меорад.

Дар илми криминалистика қайд карда мешавад, ки механизми содир намудани ҷиноятҳои намуди мазкур тавассути қонуниятҳои устувори инъикоси фаъолияти ҷиноятӣ дар намунаҳои изҳо зоҳир мешавад. Ҳангоми тафриқаи изҳои моддии ҷиноятҳо, ки бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ алоқаманд мебошанд, муаллифи ин рисола онҳоро ҳамчун инъикоси объективии ҳодисаи ҷиноятӣ дар воқеияти моддӣ, ки дар тағйироти он зоҳир мешавад, инчунин дорандаи мустақили иттилоот, ки аҳаммияти криминалистӣ барои муқаррар кардани ҳолати ҷиноят дорад, баррасӣ мекунад.

Ба изҳои хоси моддии категорияи мазкури ҷиноятҳо дохил мешаванд:

– воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва партовҳои тайёр дар ҷойи ҳодиса; пасмондаҳои растаниҳо, ки дар таркибаш маводи мухаддир доранд;

– реагентҳои кимиёвӣ, ҳалкунандаҳои органикӣ;

– дастгоҳҳо, таҷҳизот ва асбобҳои техникӣ, ки ҳангоми тайёр кардан, интиқол, нигоҳдорӣ, фурӯши воситаҳои нашъадор, истифода мешаванд;

– изҳои воситаҳои нақлиёт, изи пойафзол ва дастон; изҳои кулфҳои шикаста дар биноҳо;

– микроизҳои воситаҳои нашъадор ва изҳои биологӣ;

– нишонаҳои бад шудани вазъи саломатии шахсон, ки маводи нашъаовар истеъмол карданд ё шахсоне, ки дар интиқоли он иштирок намуданд;

– маълумот, ки дар паҳнкунандагони қоғазӣ ва электронӣ мавҷуд мебошад;

– тағйироти фазоӣ-вақтӣ дар муҳити иҳотакарда;

– таҷҳизоти техникӣ, паҳнкунандагони электронии иттилоот, муҳрҳо, маблағҳои пулӣ, ки дар фаъолияти ҷиноятӣ истифода мешаванд.

Системаи пешниҳодшудаи тафриқаи гурӯҳии таҳлили изҳо, ба фикри муаллифи рисола, даъвои мукаммалиро надорад, яъне тамоми изҳои имконпазири моддиро фаро намегирад. Илова бар ин, ҷинояткорон номгӯи моддаҳои нашъадор ва психотропиро, ки паҳн мекунанд, мунтазам такмил медиҳанд, дар фаъолияти худ технологияҳои нави истеҳсоли охиринро ҷорӣ мекунанд, усулҳои интиқол ва паҳнкунии онҳоро такмил медиҳанд, ки ин дар гуногунии ин изҳо ба таври кофӣ инъикос меёбанд.

Дар байни ҳолатҳо, ки аз рӯи ҳар як парванда новобаста аз таркиби ҷиноят бояд исбот карда шаванд, муқаррар намудани далели содир намудани ҷиноят аз ҷониби гумонбаршуда (айбдоршаванда) аҳаммияти махсус дорад. Барои ҳамин, маълумот дар бораи хислатҳои хоси шахсияти ҷинояткор ҳамчун унсури хусусиятҳои криминалистӣ аҳаммияти калон дорад. Ҳамзамон қайд карда мешавад, ки ин хусусиятҳо тавассути фаъолияти ӯ омӯхта мешаванд ва вобаста ба ин оқибатҳои он манбаи маълумот дар бораи маҷмуи хусусиятҳои ба ҷинояткор хос мебошанд: хусусиятҳои инфиродии бадан, хусусиятҳои биометрӣ, сифатҳои қувваи ҷисмонӣ, афзалиятҳои ҳаракат, малакаҳои касбӣ ва маишӣ, одатҳо, инкишофи равонӣ, патологӣ ва ҷисмонӣ.

Таҳлили омории ҷинояткорӣ дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

гузаронида шудааст, нишон медиҳад, ки дар байни ҷинояткорон, ки ба ин намуди фаъолияти ғайриқонунӣ ҷалб шуданд, дар солҳои 2014-2024 ноболиғон тақрибан 1%, шахсони аз 18 то 30 сола - 27%, шахсони аз 30 то 60-сола-72% ташкил доданд. Дар байни шахсон, ки дар содир намудани ҷиноятҳои ин тоифа даст доранд, тақрибан 3% занон ташкил медиҳанд. Ҳуқуқвайронкунандагон асосан маълумоти миёнаи нопурра, миёна, миёнаи техникӣ ва ҳатто олӣ доштанд ва аксар вақт ҷойи кори доимӣ надоштанд.

Таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки 27% ҷинояткорони дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор барои содир намудани ҷиноятҳои гуногун маҳкум шуда буданд, 5,3 % пештар доғи судӣ надоштаанд, 67,7% барои содир намудани ҷиноятҳо, ки бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор алоқаманд мебошад, маҳкум шуда буданд. Тадқиқот оид ба омӯзиши шахсияти истеъмолкунандагони маводи нашъадор нишон медиҳад, ки дар миёни ин гурӯҳ шахсони то 35-сола аксариятро ташкил медиҳанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **«Моделҳои намунавии далелҳои фаъолияти ҷиноятӣ дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ»** қайд карда мешавад, ки механизми содир кардани ҷиноят, ки сохтори дохилӣ ва муносибатҳои функсионалии фаъолияти ҷиноятиро инъикос мекунад, дар системаи тавсифи криминалистӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад. Ҳамзамон, дар нашрияҳои илмӣ унсури мазкур аксар вақт ба категорияи усули содиршавии ҷиноят дохил карда мешавад ё бо он иваз карда мешавад.

Ҷиноятҳои дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, аз ҷумла ташкил ва ба соҳибияти каси дигар додани онҳо, низ марҳила ба марҳила амалӣ карда мешаванд. Қонунияти чунин фаъолият асосан ба онҳо, ки дар соҳибкории қонунӣ мушоҳида мешаванд, монанд мебошад, ки аз дараҷаи баланди ташкил ва сохтор дар ин намуди ҷиноят шаҳодат медиҳад.

Ба онҳо дохил мешаванд:

1. Баҳогузории вазъи бозори ғайриқонунии маводи мухаддир дар минтақаи мушаххас, ки тавассути таҳлили вазъияти ҷорӣ, муайян кардани тамоюлҳои устувор ва ба назар гирифтани омилҳои дохилӣ ва берунӣ, ки ба рушди он таъсир мерасонанд, ифода меёбад.

2. Ташаккули афзалиятҳои стратегии фаъолияти ҷиноятӣ, ки инҳоро дар бар мегиранд:

а) амалӣ намудани фаъолияти ғайриқонунӣ, ки бо истеҳсоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ алоқаманд мебошанд, ворид намудани минбаъдаи онҳо ба муомилоти ғайриқонунӣ, инчунин интиқоли ғайриқонунии байнисарҳадӣ ва паҳнкунии минбаъда;

б) самти мақсадноки фаъолияти ҷиноятӣ барои ба даст овардани натиҷаи устувор ва назарраси иқтисодӣ;

в) тамаюл ба таҷдид ва густариши фаъолияти ҷиноятӣ тавассути ҷалби шахсони нав ва таъсиси робитаи устувори ҷиноятӣ.

Шароити муосири амалигардонии муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ раванди сабт ва ҳуҷҷатгузории амалҳои ҷиноятӣ, инчунин муқаррар кардани робитаҳои сабабу натиҷа байни ҷараёнҳои молиявии пайдоиши ҷиноятӣ ва шахсоне, ки онҳоро назорат мекунанд, ба таври назаррас мураккаб мегардонад.

Илова бар ин, изҳои тамос, ки дар натиҷаи ҳамкории иштирокчиёни фаъолияти ҷиноятӣ бо объектони муҳити моддӣ, инчунин изҳои микроскопӣ дар либос, ашёи шахсӣ ва дигар паҳнкунандагон пайдо мешаванд, аҳамияти назарраси криминалистӣ доранд. Гурӯҳи алоҳидаро изҳои тағйиршавии муҳити зист ташкил медиҳанд, ки дар натиҷаи тағйири тавсифи сифатӣ ва миқдории он зоҳир мешаванд.

Хусусияти муосири муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ташаккули изҳои иттилоотиро пешбинӣ мекунад, ки ҳам дар паҳнкунандагони қоғазӣ ва ҳам электронӣ, аз ҷумла дар паҳнкунандагони рақамӣ сабт шудаанд. Ба сифати унсури муҳими изҳо, инчунин параметрҳои фазоӣ ва вақтии ҷиноят, инчунин ашё ва таҷҳизоти техникии дар фаъолияти ғайриқонунӣ истифодашуда, ки аҳамияти исботкуниро дорад, баромад мекунанд.

Маълумоти аз ҷиҳати криминалистӣ муҳим дар бораи эҳтимолияти иштироки шахс дар муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар асоси таҳлили маҷмуи аломатҳо, ки рафтор, шароити зиндагӣ ва робитаи онҳоро бо муҳити зист инъикос мекунанд, ташаккул меёбад. Ин аломатҳо имконият медиҳанд, ки дар бораи хусусият ва самти фаъолияти ғайриқонунӣ хулоса бароварда шавад, аммо онҳо қувваи

мустақили исботкунӣ надоранд ва дар доираи тафтишот бояд санҷида шаванд.

Моҳиятан сохторҳои моделҳои зикршуда ҳамчун асоси консептуалии вазъиятҳои намунавии тафтишотӣ, ки дар рафти тафтиши тафсири тафтишотӣ пешниҳод карда мешаванд, баромад мекунанд. Моделҳои намунавии далелҳои исботкунӣ бояд маълумотро дар бораи робитаҳои унсурҳои тавсифи криминалистии намуди ҷинояти дахлдор ҷамъоварӣ намуда, хусусиятҳои рафтори ҷиноятиро, инчунин мазмун ва мантиқи ташаккули вазъиятҳо ва тафсирҳои намунавии тафтишотиро инъикос намоянд.

Дар боби сеюми тадқиқоти диссертатсионӣ таҳлили ҳамаҷонибаи **«Проблемаҳо ва роҳҳои такмили таъминоти тактикӣ-криминалистии тафтишоти муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ»** амалӣ карда мешавад ва ин боб аз се сербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби сеюм **«Хусусиятҳои ошкор намудани нишонаҳои фаъолияти ҷиноятӣ дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар марҳилаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ»** қайд карда мешавад, ки иттилооти исботкунии муҳим дар марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ дар натиҷаи ФОҶ мақомоти таҳқиқ ба шакли муайян дароварда шуда, минбаъд аз ҷониби муфаттиш истифода мешавад.

Муайян карда шудаст, ки дар 85% ҳолатҳо барои оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ аломатҳои амалҳои ғайриқонунӣ ҳамчун асос баромад карданд, ки маҳз аз ҷониби мақомоти таҳқиқ муайян карда шуданд.

Қайд карда мешавад, ки хусусияти фаъолияти ҷиноятии баррасишаванда андешидани чораҳоро барои ҳарчи зудтар ошкор ва сабт кардани нишонаҳои онро тақозо мекунад. Аммо маводҳо, ки аз ҷониби намояндаи мақомоти таҳқиқ омода карда мешавад, аксар вақт пас аз муддати дуру дароз аз вақти ошкор шудани аломатҳои ҷиноят, баъди гузарондани як қатор чорабиниҳо аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ба муфаттиш мерасад. Чунин кашолкорӣ баъзан андешидани чораҳои таъҷилӣ барои муқаррар намудани тамоми ҳолатҳои кирдори содиршударо имконнопазир мегардонад. Ҳангоми гузаронидани тадқиқот муайян карда шуд, ки ҷудо кардани маводи парвандаҳои оперативӣ, ки ҳангоми

тафтиши онҳо аломатҳои фаъолияти ҷиноятӣ муайян карда шудаанд, на дар лаҳзаи ошкор кардани аломатҳои фаъолияти ҷиноятии тафтишшаванда, балки дар давоми аз 10 то 15 рӯз сурат мегирад. Аз ҷумла, таҳлили маълумотҳои оморӣ оид ба мухлатҳои оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ ҳангоми муайян кардани аломатҳо, ки дар бораи паҳнкунии муташаккилонаи воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ шаҳодат медиҳанд, нишон дод, ки 35,9% парвандаҳои ҷиноятӣ дар давоми 1 рӯз, 4,6 % дар давоми 3 рӯз, 3,5 % дар давоми 10 рӯз ва 44 % парвандаҳо баъди ин мухлатҳо оғоз карда мешаванд.

Ба сифати нишондиҳандаҳои объективӣ, ки мавҷудияти аломатҳои фаъолияти ҷиноятиро нишон медиҳанд, муаллиф маҷмуи гуногуни маълумотро, ки дар марҳилаи аввали тафтишот ба даст оварда шудаанд, муайян мекунад. Ба онҳо маълумотҳо дохил мешаванд, ки параметрҳои сифатӣ ва миқдории воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропиро тавсиф мекунанд: муайян кардани амалҳо, ки барои омодасозии мақсадноки онҳо барои фурӯши ғайриқонунӣ (борбанд, борпеч, тақсим кардан ба ғояҳо ва дигар амалиётҳо) равона шудаанд; баёноти дастгиршуда оид ба гирифтани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ аз шахси паҳнкунандаи онҳо; маълумот, ки аз хизматҳои оперативӣ гирифта шудааст; нишондодҳои шоҳидон ва дигар маълумоти воқеӣ, ки барои муқаррар кардани аломатҳои фаъолияти ғайриқонунӣ муҳиманд.

Дар зербоби дуюми боби сеюм **«Вобастагии вазъиятии самтҳо ва вазифаҳои тафтиши ҷиноятҳо, ки бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ алоқаманд мебошанд»,** мавқеи олимони гуногун оид ба мафҳум ва аҳаммияти вазъияти тафтишотӣ таҳлил карда мешавад. Дар баробари ин, зарурати тафриқаи мазмун ва таносуби ду мафҳуми ба ҳам наздик асоснок карда мешавад: «вазъияти тафтишотӣ» ҳамчун вазъият, ки муфаттиш онро баҳогузорӣ ва истифода мебарад ва «вазъияти тафтиш» ҳамчун мафҳуми васеътар, ки муҳит ва шароити фаъолияти ӯро тавсиф мекунад.

Дар тадқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳои ташаккули вазъияти тафтишотӣ ва механизмҳои ҳалли он таҳлил карда шуданд. Ба андешаи муаллиф, таъсиррасонии мақсаднок ба вазъияти тафтишотӣ дар доираи мантиқи муайяни технологии тафтишот анҷом дода мешавад. Омӯзиши мунтазами вазъияти тафтишотӣ, ҷамъоварӣ, низомнокӣ ва баҳогузории иттилоот дар

бораи он ҳадафи мушаххаси фаъолияти тафтишотиро муайян мекунад, ки ноил шудан ба он бо қабули қарори тактикии мувофиқ таъмин карда мешавад. Муайян кардани ҳадаф, дар навбати худ, ба муфаттиш имконият медиҳад, ки усулҳо ва воситаҳои беҳтаринро барои ҳалли вазифаи дар пешистода интихоб кунад, ки бо принсипҳои таҳиякардаи Р.С. Белкин мувофиқ мебошад.

Вазифаҳои мушаххаси тафтишот аз ҷониби муфаттиш дар асоси маълумот дар бораи вазъият муқаррар карда мешавад. Раванди тафтиши фаъолияти ҷиноятӣ дар соҳаи баррасишаванда, ба ақидаи муаллиф, се марҳиларо дар бар мегирад.

Марҳилаи якум: муфаттиш дар ихтиёри худ маълумоти ибтидоӣ оид ба муомилоти ҷиноятии маводи нашъадор дошта, онро бо маълумоти хоси ибтидоӣ, ки дар тавсифи криминалистии ин намуди ҷиноят мавҷуд мебошанд, муқоиса мекунад.

Дар марҳилаи дуюми фаъолияти тафтишотӣ, дар асоси маълумоти ибтидоӣ, ки дар ҳолати зарурӣ ҳангоми амалҳои ибтидоии мурофиавӣ илова карда мешавад, бояд аз коркарди криминалистӣ ва баҳогузории таҳлилӣ гузаронида шавад. Дар натиҷаи чунин таҳлил вазъияти маъмулии тафтишотӣ муайян карда мешавад, ки бо сохтори методологияи дахлдори тафтишотӣ мувофиқ мебошад.

Марҳилаи сеюм бо муқоисаи натиҷаҳои таҳлили криминалистӣ тавсиф карда мешавад, ки асоси иттилоотӣ-мурофиавии вазъияти тафтишотиро бо унсурҳои тавсифи криминалистии ҷиноят ташкил медиҳанд. Ин муқоиса имконият медиҳад, ки меъёрҳои фосилавии тафтишот муайян карда шавад, ки онҳо дар таҳияи вазифаҳои мушаххаси тактикӣ ифода ёфтаанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло оид ба моҳият ва аҳаммияти вазъияти тафтишотӣ тафтиши фаъолияти ҷиноятӣ дар самти баррасишаванда, ба ақидаи муаллиф, бо ҳалли пайдарпайи вазифаҳои зерин метавонад пешниҳод карда шавад: ошкор, бақайдгирӣ ва нигоҳ доштани изҳои фаъолияти ҷиноятӣ; ҷамъоварии оперативӣ, тафтиш ва баҳогузории далелҳо оид ба ҳолатҳо ва оқибатҳои фаъолияти ҷиноятӣ; муайян намудани доираи шахсон, иштирокчиёни эҳтимолии фаъолияти ҷиноятӣ, тафтиши иштироки онҳо; ҷамъоварии далелҳо, ки шахс ё шахсонро дар фаъолияти ҷиноятӣ айбдор мекунанд, бо роҳи гузаронидани амалҳои зарурии мурофиавӣ ва дигар амалҳо;

татбиқи чораҳои муайяни маҷбуркунии мурофиавӣ-ҷиноятӣ; муайян ва ошкор намудани далелҳои нави фаъолияти ҷиноятӣ.

Ҳаҷми маҳдуди замимаи иттилоотии воқеӣ, ки дар санади ҷазодиҳӣ истифода мешавад, аксар вақт зарурати ташкили якчанд гурӯҳи ҳадафҳои ниҳоиро тақозо мекунад, ки воқеияти онҳоро танҳо бо роҳи фарзия тасдиқ кардан мумкин аст. Мавқеи вазифаҳои тактикӣ дар ин «хати технологӣ» ҳамеша дар байни вазъияти тафтишотӣ ва фарзияҳо мебошад, ки сифати тартиби онҳоро таъмин мекунад. Ҳамчун мақсади асосии амалиёти тактикӣ далелҳои исботкунӣ баромад мекунанд, ки онҳо дар тавсифи криминалистии фаъолияти ҷиноятӣ дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ нишон дода шудаанд.

Дар зербоби сеюм **«Хусусиятҳои криминалистӣ ва тактикии амалҳои алоҳидаи тафтишотӣ ҳангоми муайян кардани ҳолатҳои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ»** ба он таваҷҷӯҳи махсус дода мешавад, ки яке аз шартҳои зарурии фароҳам овардани заминаи боэътимоди далелҳо дар ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ҳамкории зич байни муфаттишон ва мақомоте, ки ФОҶ-ро амалӣ мекунад, мебошад. Асоси таъмини чунин ҳамкориҳои мутақобила ин қобилияти муфаттиш барои дуруст дарк кардани маълумоти ибтидоӣ, донистани тавсияҳои методӣ оид ба ошкор ва тафтиши фаъолияти ҷиноятии баррасишаванда, фаҳмиши дақиқи раванди амалигардонии ЧОҶ, қобилияти ба роҳ мондан ва нигоҳ доштани ҳамкориҳои корӣ бо дастгоҳи оперативӣ дар сатҳи зарурӣ тавассути ҳамоҳангсозии амалиёти муштарак дар раванди тамоми тафтишот мебошад.

Пурсиши кормандони тафтишотӣ нишон дод, ки монеаи муҳимтарин барои ҳамкории самарабахши муфаттишон ва кормандони оперативӣ дар кушодани ҷиноятҳои категорияи баррасишаванда дар он аст, ки муфаттишон аксар вақт дар амалигардонии маълумоти оперативӣ ба таври кофӣ иштирок намекунанд (26,4%); пеш аз амалигардонӣ онҳо бо тамоми маълумоти мавҷудбудаи оперативӣ таъмин карда намешаванд (30,6%); барои ошкор намудани фаъолияти ҷиноятӣ дар ин категория таваҷҷӯҳи муайян вуҷуд надорад (15,8%); ба муфаттишон ҳангоми гузаронидани баъзе амалҳои тафтишотӣ кумаки зарурӣ расонида намешавад (12,2%); супоришҳои

муфаттишон суст ва сари вақт ичро карда намешаванд (13,3 %); дигар (1,7%).

Дар асоси таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки алгоритми раванди тафтишоти намуди баррасишавандаи фаъолияти ҷиноятӣ марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

а) марҳилаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки дар доираи он:

- маҷмуи ибтидоии иттилооти иктишофӣ дар бораи шахс, ки фаъолияти ҷиноятиро дар асоси касбӣ, аз ҷумла дар ҳайати иттиҳодияҳои устувори ҷиноятӣ амалӣ мекунад, ташаккул меёбад;

- санҷиши таҳлилӣ ва амалии маълумоти гирифташуда амалӣ карда мешавад, аз ҷумла гузаронидани чорабиниҳо оид ба парвандаҳои бақайдгирии оперативӣ нисбат ба шахсони алоҳида ва сохторҳои ҷиноятӣ;

- натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ омода карда шуда, ба мақомоти тафтишоти пешакӣ интиқол дода мешаванд;

б) марҳилаи тафтишотӣ, ки дар низоми дигари ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ сурат мегирад ва барои гузаронидани маҷмуи амалҳои мурофиавӣ нигаронида шудааст. Дар рафти он натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-тафтишотӣ бояд тафтиш ва баҳогузорӣ карда шаванд, ки барои ҳалли масъала дар бораи додани мақоми далелҳои имконпазир оид ба парвандаи ҷиноятӣ имконият медиҳад.

Ҳамкорӣ оид ба парвандаҳои ин соҳа, чун қоида, бояд то оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ шурӯъ гардида, дар ду самти асосии иштироки муфаттиш дар ин раванд амалӣ карда шавад: а) шинос шудани муфаттиш бо маводи оперативии воридотӣ ва муҳокима бо кормандони оперативӣ оид ба вақти амалигардонии онҳо ва гузаронидани амалиёт оид ба дастгир намудани паҳнкунандагони маводи нашъадор; б) баъд аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ҷамъ кардани далелҳо, ки маълумот дар бораи онҳо дар рафти кор оид ба парвандаҳои баҳисобгирии оперативӣ гирифта шудааст. Муаллиф мешуморад, ки рафтори соддакардашуда дар ҳуҷҷатгузории фаъолияти ҷиноятии паҳнкунандагони маводи нашъадор ғайриимкон мебошад.

Шаклҳои ташкилии ҳамкории муфаттиш ва мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро амалӣ мегардонанд, инҳо буда метавонанд: 1) мунтазам шинос намудани муфаттиш бо маводҳои оперативии мавҷудбуда ва нав гирифташуда; 2) муайян кардани муҳлати амалигардонии маълумотҳои оперативии мавҷудбуда, ки

ба дастгир кардани иштирокчиёни фаъолияти ҷиноятӣ нигаронида шудааст; 3) иштироки муфаттиш дар қабули қарорҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин банақшагирии ин чорабиниҳо; 4) банақшагирии муштараки амалҳои таъхирнопазири тафтишотӣ ва ЧОҶ; 5) иштироки бевоситаи муфаттиш дар амалиёти оперативӣ-тактикӣ дар давраи амалигардонии маводи оперативӣ; 6) кор дар гурӯҳи оперативӣ-тафтишотӣ; 7) иштирок дар гузаронидани амалиёти тактикӣ; 8) сафарҳои муштарак ба дигар минтақаҳо барои гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ва ЧОҶ; 9) расонидани кумак аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ба муфаттиш дар анҷом додани амали тафтишотии алоҳида; 10) иҷро намудани супориши муфаттиш аз ҷониби мақомоти таҳқиқ оид ба гузаронидани амалҳои тафтишотӣ.

Муаллиф қайд мекунад, ки ҳангоми фаъолияти гурӯҳҳои доимии оперативӣ-тафтишотӣ оид ба тафтиши ҷиноятҳо, ки бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ алоқаманд мебошанд, самаранокии бештар ба даст оварда мешавад. Чунин шакли ташкилкунӣ тартиб ва ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар марҳилаҳои ибтидоӣ ва минбаъдаи тафтишот, инчунин омезиши беҳтарини тактикии амалҳои тафтишотӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро таъмин менамояд.

## ХУЛОСА

Бахши ниҳоии кори диссертатсионӣ ба ҷамъбасти натиҷаҳои тадқиқот ва ташаккули хулосаҳо, ки арзиши илмӣ ва амалӣ доранд, бахшида шудаст. Дар он инчунин пешниҳодҳо ва тавсияҳои муаллиф оид ба масъалаҳои баррасишаванда оварда шуданд.

### Хулосаҳои асосии назариявӣ оид ба диссертатсия:

Дар замима саволнома барои пурсиши кормандони мақомоти тафтишоти пешакӣ оид ба масъалаҳо, ки бо муайян ва ошкор намудани фаъолияти ҷиноятӣ дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ва моддаҳои психотропӣ алоқаманд мебошанд, инчунин маълумотномаи таҳлилӣ оид ба омӯзиши 1200 ва таҳлили 950 парвандаҳои ҷиноятии бойгонии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1990-2024) пешниҳод карда шудааст.

1. Вазъияти муосири ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо паҳншавии назарраси ҷиноятҳо, ки бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ва моддаҳои психотропӣ

алоқаманд мебошанд, тавсиф карда мешавад. Ин намуди фаъолияти ҷиноятӣ бо хатари баланди ҷамъиятӣ фарқ мекунад, зеро он асосан аз ҷониби иттиҳодияҳои муташаккили ҷиноятӣ, ки дар сатҳи байниминтақавӣ ва байналмилалӣ фаъолият мекунанд, амалӣ карда мешавад. Устувории онҳо асосан аз сатҳи баланди ташкил, хусусияти низомноки фаъолияти ҷиноятӣ ва мавҷудияти робитаҳои коррупсионӣ дар сохтори давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста мебошад. Муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ба иқтисодиёт, суботи сиёсӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ таъсири харобиовар мерасонад ва ҳамзамон манбаи асосии маблағгузории ташкилотҳои байналмилалии террористӣ мебошад [3-А].

2. Дар шароити кам будани маълумот дар бораи ҷинояти содиршуда ҳангоми тартиб додани тафсир-маълумоти ҷамъбастшуда дар бораи маъмулӣ, ҳамчун интиқолдиҳандагони маълумоти аз ҷиҳати криминалистӣ муҳим дар бораи намудҳои муайяни ҷиноятҳо, аҳаммияти муҳим дорад. Довталаб пешниҳод мекунад, изҳои моддии ҷиноят, ки бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ва моддаҳои психотропӣ алоқаманд мебошанд, ба гурӯҳҳои зерин, вобаста аз табиати иттилоот ҷудо карда шаванд:

– изҳои моддӣ, ки аз воситаҳои нашъадор дар шакли тайёр, маҳсулот ва боқимондаҳои коркарди онҳо, пораҳои растаниҳои нашъадор, инчунин моддаҳои кимиёвии истифодашуда дар истеҳсоли онҳо ифода меёбанд;

– маҷмуи маълумоти изҳо, ки имконияти барқарор намудани алгоритми технологии фаъолияти ҷиноятиро таъмин менамояд, аз ҷумла дарёфти таҷҳизоти махсус, воситаҳои техникӣ ва ёрирасон, инчунин ашёҳо, ки дар истеҳсол, коркард ё парвариши моддаҳои мухаддир истифода мешаванд, инчунин объектҳо, ки дар бораи истифодаи усулҳои интиқол ва истеъмоли онҳоро нишон медиҳанд.

– инъикоси моддии фаъолияти ҷиноятӣ, ки дар натиҷаи робитаи иштирокчиён бо муҳити зист ба вуҷуд меояд ва дар изҳои воситаҳои нақлиёт, дастҳо ва пойафзол, инчунин дар биноҳои вайрона ва дастгоҳҳои техникӣ, ки барои пинҳон кардан ва нигоҳ доштани моддаҳои манъшуда истифода мешаванд, ифода меёбад;

– изҳои микроскопӣ, ки бо микдори боқимондаи воситаҳои нашъадор дар либос ва изҳои биологӣ дар объектҳо, ки дар ҷойҳои истеъмол ҷойгиранд, пешниҳод мешавад;

– маҷмуи аломатҳо, ки дар бораи тағйироти ҳолати ҷисмонии шахсон ва муҳити иҳотакарда нишон медиҳанд, аз ҷумла маълумотҳо, ки истифодаи бадани инсонро ҳамчун воситаи интиқоли пинҳонии моддаҳои нашъадор ва психотропӣ нишон медиҳанд;

– маҷмуи иттилоотӣ, ки дар паҳнкунандагони моддӣ ва электронӣ сабт шуда, ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва амалҳои тафтишотӣ муайян карда шудаанд, ки маълумотро дар бораи робитаҳо ва муносибатҳои иштирокчиёни муомилоти ғайриқонунӣ доранд;

– маълумотҳои хусусияти фазоӣ-вақтӣ дошта, ки барои муайян кардани макон ва вақти амалигардонии кирдори ҷиноятӣ имконият медиҳад;

– объектҳои моддӣ, ки дар раванди сохта кардани ҳуҷҷатҳои доруворӣ истифода мешаванд, аз ҷумла воситаҳои махсуси техникӣ, инчунин ҳама гуна паҳнкунандагон, ки дар онҳо изҳои таъсиррасонии ҷиноятӣ сабт ва нигоҳ дошта мешаванд.

3. Яке аз шаклҳои асосии ташкилии амалигардонии муқовимат ба тиҷорати маводи мухаддир гузаронидани маҷмуи ЧОҶ ва амалҳои тафтишотӣ оид ба ҳар як ҳолати ошкор ва мусодираи маводи мухаддир ё моддаҳои психотропӣ мебошад, ки барои муайян кардани манбаъҳо ва роҳҳои воридшавии онҳо ба муомилоти ғайриқонунӣ ва пешгирии фаъолияти ҷиноятӣ равона карда шудаанд [5-А].

Аммо, дар фаъолияти ҳуқуқтадбиқкунанда восита ва усулҳои самаранок бо таври зарурӣ истифода намешаванд, ки ин аксар вақт барои ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ имконият намедиҳад. Барои эътироф кардани зарурати таҳияи маҷмуи тавсияҳои илмӣ ва методӣ дар шакли методикаи мушаххаси криминалистии тафтиши фаъолияти ҷиноятӣ дар соҳаи фаъолияти ҷиноятии баррасишаванда асосҳои кофӣ мавҷуд мебошанд.

4. Дар адабиёти криминалистӣ масъалаҳо, ки бо муайян кардани манбаъҳои паҳнкунии маводи мухаддир ба истеъмолкунандагон алоқаманд мебошанд, ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудаст. Методикаи намунавии тафтишоти ҷиноятҳо, ки бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ва моддаҳои психотропӣ алоқаманд мебошанд, асосан дар асоси таснифоти ҷиноятӣ-ҳуқуқии онҳо таҳия ва дар шакли умумӣ пешниҳод карда мешаванд, ки ин ба вазифаҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти тафтишотӣ дар ин самт пурра ҷавобгӯ намебошад.

Ҳамзамон, тавсияҳо, ки ба масъалаҳои тафтишоти шаклҳои муташаккили тиҷорати маводи мухаддир бахшида шуданд, яъне аз ҷониби иштирокчиёни гурӯҳҳои муташаккил содир шудаанд, бо хусусиятҳои ин намуди фаъолияти ҷиноятӣ ба таври назаррас мувофиқат намекунад [14-А].

5. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, хусусиятҳои равиши вазъиятӣ ҳангоми муайян кардани самти тафтишот ва таҳияи ҳадафҳои тактикӣ баррасӣ карда шуданд, ки боиси таҳияи пешниҳодҳо оид ба технологияи татбиқи он нисбат ба фаъолияти ҷиноятӣ гардид. Таҳияи он имконият дод, ки асоснокии пешниҳоди тафсири тафтишотӣ ва самаранокии банақшагирии кор оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ тавассути ворид намудани (ва баъдан татбиқ намудани) системаи чораҳои ташкилӣ ва тактикӣ, ки ба ҳалли вазифаҳои марҳилаи ибтидоии тафтишот равона шуданд, беҳтар карда шавад [7-А].

6. Мазмуни криминалистии аломатҳои муқаррарии фаъолияти ҷиноятӣ, ки бо фурӯши маводи мухаддир ба истеъмолкунандагон алоқаманданд, метавонанд ба ҳар гуна унсури таркиби ҷиноят дохил шаванд ва бо ҳар гуна марҳилаи он алоқаманд бошанд. Манбаи асосии воридшавии ин маълумот мақомоти таҳқиқ мебошад, зеро онҳо маълумоти васеъро дар бораи вазъияти ҷиноятӣ дар соҳаи паҳнкунии муташаккили маводи мухаддир доранд. Хусусияти хоси фаъолияти ҷиноятии баррасишаванда зарурати истифодаи саривақтии маводҳо, ки бо роҳи оперативӣ гирифта шуданд, тақозо мекунад. Ҳамзамон, маводҳо, ки аз ҷониби кормандони мақомоти таҳқиқ омода карда мешаванд, ба муфаттиш бо гузаштани вақти дароз аз лаҳзаи муайян намудани аломатҳои ҷиноят мерасанд, ки имконияти кушодани ҷиноятро бо изҳои «гарм» кам мекунад. Кӯшишҳо оид ба ҳалли вазифаҳо дар марҳилаи ибтидоии мурофиаи ҷиноятӣ, ки мустақиман ба онҳо вогузор карда нашуданд, аз ҷумла бо усулҳо, ки кафолатҳои ҳуқуқӣ надоранд, онҳоро ғайриқонунӣ мегардонанд [2-А].

7. Мазмуни вазъияти тафтишотӣ дар бораи номувофиқатии системаи мақсадҳои тактикӣ бо ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад, ки он динамикаи унсури раванди тафтишотӣ ва ҳадафҳои фаъолиятро инъикос мекунад (вазъияти тафтишотӣ). Вобаста ба ин, бояд мазмун ва таносуби ду мафҳуми ба ҳам наздикро тафриқа кардан зарур аст: «вазъияти тафтишӣ» ҳамчун вазъият, ки муфаттиш онро арзёбӣ ва истифода мекунад ва «вазъияти тафтишотӣ» ҳамчун

мафҳуми васеътар, ки муҳит ва шароитро, ки ӯ дар он фаъолият мекунад, тавсиф мекунад. Вазъияти тафтишотӣ - ин маҷмӯи маълумот мебошад, ки бо марҳилаи мушаххаси тафтишот, бо ҳолати ҳодисаи ҷиноятӣ алоқаманд буда, таҳти таъсири омилҳои объективӣ ва субъективӣ, шароити вазъияти воқеӣ ташаккул ёфтааст, ки таҳлили криминалистии он имконият медиҳад, ки ҳадафҳо ва вазифаҳои тафтишот барои асоснок кардани қарори зарурии тактикӣ ва муайян кардани самтҳои фаъолияти ҷустуҷӯӣ-идрокӣ муайян карда шавад [8-М].

8. Тадқиқоти масъалаи таъминоти тактикӣ-методии гузаронидани амалҳои тафтишотии алоҳида имконият дод, ки дар бораи аҳаммияти ҷудо кардани намудҳои алоҳидаи фаъолияти криминалистӣ, ки бо тайёрӣ, гузаронидан ва вазъи минбаъдаи он алоқаманд мебошад, хулоса бароварда шавад. Муайян кардани усулҳои ҳалли вазифаҳои тактикии тафтишот оид ба ҷамъоварии далелҳо бо қабули қарор дар бораи гузаронидани амали тафтишотии муайян ё маҷмуи онҳо алоқаманд мебошад. Робитаи мазмуни тавсифи криминалистии намуди фаъолияти ҷиноятӣ, ки аз ҷониби муаллиф қайд карда шудаст, бо хусусиятҳои тактикии як қатор амалҳои тафтишотӣ оид ба парвандаҳои ин категория тадқиқ ва асоснок карда шудааст [9-А].

9. Устувории муқовимат ба тафтишоти парвандаҳо оид ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ зарурати иштироки ҳамаҷонибаи муфаттишон, кормандони оперативӣ ва мутахассисонро дар ҳама марҳилаҳои тафтишот ба миён меорад. Набудани ҳамкории самаранок байни ин субъектҳо боиси таваҷҷуҳи таъқиби ҷиноятӣ ба иҷрокунандагони сатҳи поён мегардад, дар ҳоле ки ташкилкунандагони фаъолияти ҷиноятӣ ва таъминкунандагони фаромарзии маводи мухаддир, чун қоида, берун аз доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ мемонанд [18-М].

Вобаста ба ин, робитаи системавии ин субъектҳо бояд на ҳамчун унсури факултативӣ, балки ҳамчун яке аз шартҳои асосии бартараф кардани муқовимат ба тафтишот, дар баробари риояи қонуният, фардикунонии қарорҳои тактикӣ ва хусусияти пешгирикунандаи чораҳои татбиқшаванда баррасӣ карда шавад.

Тадқиқоти анҷомёфта ва хулосаҳои баровардашуда саҳми муайян дар таҳияи масъалаи мубрам ва мураккаби таъминоти фаъолияти криминалистӣ оид ба муайян, ошкор ва тафтиши

фаъолияти ҷиноятӣ дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ мебошад.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ТАТБИҚИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ

Натиҷаҳо, ки дар рафти тадқиқот ба даст оварда шудаанд, метавонанд дар таҳияи модели намунавии таъминоти тактикӣ-криминалистии тафтишоти ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ истифода шаванд. Ба онҳо, аз ҷумла, дохил мешаванд:

1. Моделҳои намунавии коркардшудаи далелҳои (ҳамчун унсурҳои имконпазири методикаи тафтишот) фаъолияти ҷиноятӣ дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, ки робитаи унсурҳои тавсифи криминалистиро инъикос мекунанд, инчунин маълумотро дар бораи вазъиятҳои маъмулии тафтишот ва тафсирҳои мувофиқро дар бар мегиранд, ки барои тафриқаи ин моделҳо ба гурӯҳҳои мувофиқ равона карда шуданд.

2. Дар тадқиқот таснифоти муаллифӣ дар бораи вазъияти тафтишотӣ, ки дар марҳилаҳои гуногуни тафтишоти категорияи баррасишавандаи ҷиноятҳо ба миён меоянд, асоснок карда шудаст. Таснифоти мазкур метавонад дар таҳияи самтҳои беҳтарини тафтишот ва банақшагирии тактикии амалҳои тафтишотӣ истифода шавад.

3. Танзими нокифояи мурофиавии санҷиши пеш аз тафтишотии аризаҳо ва маълумотҳо дар бораи ҷиноятҳо васеъ кардани ваколатҳои муфаттишон ва таҳқиқбарандагонро талаб мекунад. Дар ин робита, муаллиф пешниҳод мекунад, ки ҳуқуқи онҳо барои гузаронидани баъзе амалҳои тафтишотӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷумла азназаргузаронӣ, кофтуков, гирифтани намунаҳо барои таҳлили муқоисавӣ, таъин кардани ташхисҳои кимиёвӣ ва дигар ташхисҳои судӣ ва гирифтани ашё ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои таҳлили коршиносӣ, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам карда шавад. Татбиқи ин равиш имконият медиҳад, ки сатҳи қонунӣ будани натиҷаҳои санҷиши пеш аз тафтиши ҷиноятҳои гурӯҳи таҳлилшаванда тақвият бахшида шавад.

Дар замимаҳо ба тадқиқоти диссертатсионӣ маводҳо, ки муқаррароти асосии корро пурра мекунанд, ба низом даровардa шуданд. Ба онҳо дохил мешаванд: маълумоти оморӣ дар бораи

сохтори синну солии шахсон, ки барои содир кардани ҷиноятҳои марбут ба маводи мухаддир дар солҳои 2014-2024 дастгир карда шудаанд; маълумот дар бораи нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сохтории воситаҳои нашъадори мусодирашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамин давра; маълумот дар бораи ҳолат ва ҷараёни инкишофи тағйироти воситаҳои нашъадор; маводҳои таҳлилии сохтори ҷиноятҳои марбут ба маводи мухаддир дар асоси натиҷаҳои амалиёти «Кукнор». Ғайр аз ин, ба сифати замима натиҷаҳои пурсиши кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, маълумотномаи таҳлилӣ оид ба маводи бойгонии парвандаҳои ҷиноятӣ барои солҳои 1990-2024, ҷадвали назоратии кори муфаттиш (таҳқиқбаранда) оид ба парвандаҳои ҷиноятии боздошташуда ва ҷадвалҳои таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад.

## РӮЙХАТИ НАШРИЯҲОИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### 1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия нашр шудаанд.

**[1-А]**. Рустамзода, З.Р. Роль судебных экспертиз в сборе доказательств незаконного оборота наркотических средств, психотропных веществ или их аналогов [Текст] / З.Р. Рустамзода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2017. – № 4 (36). – С. 132-139; ISSN 2412-141X.

**[2-А].** Рустамзода, З.Р. Типичные следы и механизм следообразования при совершении незаконного оборота наркотических средств, психотропных веществ или их аналогов [Текст] / З.Р. Рустамзода // Вестник Волгоградской академии МВД России. – 2018. – № 3 (49). – С. 151-156; ISSN 2074-8183.

**[3-А].** Рустамзода, З.Р. Незаконный оборот наркотических средств и психотропных веществ в Республике Таджикистан: проблемы и пути решения [Текст] / З.Р. Рустамзода // Труды Академии управления МВД России. – 2019. – № 2 (50). – С. 97-104; ISSN 2072-9391.

**[4-М].** Досова, А.В., Рустамзода, З.Р. Материальные следы преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотических средств и психотропных веществ, и их классификация [Текст] / А.В. Досова, З.Р. Рустамзода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2019. – № 2 (42). – С. 28-35; ISSN 2412-141X.

**[5-М].** Досова, А.В., Рустамзода, З.Р. Криминалистическая характеристика преступлений в сфере, связанной с незаконным оборотом наркотических средств и психотропных веществ и ее структура (по материалам Республики Таджикистан) [Текст] / А.В. Досова, З.Р. Рустамзода // Евразийский юридический журнал. – 2019 – № 5 (132). – С. 291-293; ISSN 2073-4506.

**[6-М].** Ляпичев, В.Е., Рустамзода, З.Р. Об установлении субъекта преступления в сфере незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ [Текст] / В.Е.Ляпичев, З.Р. Рустамзода // Вестник Волгоградской академии МВД России. – 2019. – № 2 (49). – С. 126-131; ISSN 2074-8183.

**[7-А].** Рустамзода, З.Р. Особенности противодействия незаконному обороту наркотических средств и психотропных веществ: опыт Республики Таджикистан [Текст] / З.Р. Рустамзода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2020. –№ 1 (45). –С. 167-172; ISSN 2412-141X.

**[8-М].** Павличенко, Н.В., Рустамзода, З.Р. Типовые модели фактов преступной деятельности в сфере незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ или их аналогов Республики Таджикистан [Текст] / Н.В. Павличенко, З.Р. Рустамзода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2023. – № 2 (58). – С. 76-82; ISSN 2412-141X.

**[9-А].** Рустамзода, З.Р. Некоторые тактические особенности проведения отдельных слейдственных действий по фактам незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ через информационные носители – сети Интернет [Текст] / З.Р. Рустамзода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2025. – № 1 (65). – С. 165-170; ISSN 2412-141X.

**[10-А].** Рустамзода, З.Р. Тактика проведения отдельных следственных действий по незаконному обороту наркотических средств через информационно – интернет – носители [Текст] / З.Р. Рустамзода // Законодательство. – 2025. – № 1 (57). – С. 255-259; ISSN 2410-2903.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:

**[11-А].** Рустамзода, З.Р. История уголовно-правового регулирования общественных отношений в сфере обращения наркотических средств и психотропных веществ в Республике Таджикистан [Текст] / З.Р. Рустамзода // Криминалистика и судебно-экспертная деятельность: теория и практика: материалы V Всерос. науч.-практ. конференции (19 мая 2017 г.). – Москва, 2017. – С. 318-322.

**[12-А]**. Рустамзода, З.Р. История развития экспертного обеспечения расследования преступлений в сфере незаконного оборота наркотических средств в Республике Таджикистан [Текст] / З.Р. Рустамзода // Современная юридическая наука: теоретический и практический взгляд: сборник статей Международной научно–практической конференции (10.07.2017 г.). – Москва, 2017. – С. 132-136.

**[13-А].** Рустамзода, З.Р. Развитие и состояние экспертно-криминалистической деятельности в сфере исследования следов наркотических средств в Республике Таджикистан на современном этапе [Текст] / З.Р. Рустамзода // НаркоФронт. – 2017. – № 2. – С. 48-53.

**[14-А].** Рустамзода, З.Р., Комилзода, Т.Х. Роль специалиста-криминалиста в предварительном исследовании следов наркотических средств в Республике Таджикистан и Российской Федерации на современном этапе [Текст] / З.Р. Рустамзода, Т.Х. Комилзода // Материалы I Международной научно-практической конференции на тему: «Юридическая наука и практика», посвященной Дню таджикской науки (г. Душанбе, 29 апреля 2022 г.). – Душанбе, 2022. – С. 263-267.

**[15-А].** Рустамзода, З.Р. Особенности незаконного оборота наркотических средств с использованием Интернет-сетей [Текст] / З.Р. Рустамзода // Материалы II Международной научно-практической конференции на тему: «Юридическая наука и практика», посвященной Дню таджикской науки (г. Душанбе, 29 апреля 2023 г.). – Душанбе, 2023. – С. 281-284.

**[16-А].** Рустамзода, З.Р. Уголовно-правовое описание незаконного оборота наркотических средств с целью передачи их в собственность другому лицу с использованием Интернет-сетей [Текст] / З.Р. Рустамзода // Материалы III Международной научно-

практической конференции на тему: «Юридическая наука и практика», посвященной Дню таджикской науки (г. Душанбе, 19 апреля 2024 г.). – Душанбе, 2024. – С. 424-247.

### III. Маводди таълимӣ ва таълимӣ-методӣ:

**[17-М].** Кайргалиев, Д.В., Рустамзода, З.Р. Правовые и методические аспекты криминалистического исследования наркотических средств и психотропных веществ в Республике Таджикистан [Текст]: учебное пособие / Д.В. Кайргалиев, З.Р. Рустамзода; под общ. ред. Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе, 2018. – 380 с.; ISBN 987-99975-306-3-9.

**[18-М].** Рустамзода, З.Р., Нуриддинзода, С.Н., Раджабалиён, А.Р. Особенности выявления и расследования незаконного оборота наркотических средств с целью передачи их в чужую собственность с помощью Интернет-сетей [Текст]: учебное пособие / З.Р. Рустамзода, С.Н. Нуриддинзода, А.Р. Раджабалиён; под общ. ред. Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе, 2023. – 67 с.

## СПИСОК ИСПОЛЬЗОВАННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ (ИСТОЧНИКОВ)

### I. Учебные пособия, учебники и монографии

[1]. Абдуназаров, К. Классификация и характеристика наиболее распространенных наркотических средств [Текст]: методическое пособие / К. Абдуназаров. – Душанбе, 2011. – 158 с.

[2]. Баяхчев, В.Г., Крылев, И.И., Калинин, А.П. Расследование преступлений, связанных с изготовлением и распространением синтетических наркотических средств организованными группами [Текст] / В.Г. Баяхчев, И.И. Крылев, А.П. Калинин. – М., 1995. – 48 с.

[3]. Бирюков, П.Н. Расследование незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ: правовые и криминалистические аспекты [Текст] / П.Н. Бирюков. – Воронеж, 2003. – 152 с.

[4]. Брылев, В.И., Сокол, В.Ю., Лях, Л.А. Проблемы выявления, раскрытия и расследования незаконного оборота наркотиков [Текст] / В.И. Брылев, В.Ю. Сокол, Л.А. Лях. – Краснодар, 2008. – 422 с.

[5]. Зоиров, Д.М., Рахимов, Р.Х. Противодействие незаконному обороту наркотических средств и психотропных веществ [Текст]: монография / Д.М. Зоиров, Р.Х. Рахимов. – Душанбе, 2005. – 182 с.

[6] Меретуков, Г.М. Криминалистические проблемы борьбы с наркобизнесом организованных групп [Текст]: монография / Г.М. Меретуков. – М., 1995. – 383 с.

[7]. Рахимов, Р.Х. Стратегия политики государств-участников СНГ в сфере противодействия незаконному обороту наркотических средств и психотропных веществ [Текст]: монография / Р.Х. Рахимов. – Душанбе: ЭР–граф, 2013. – 288 с.

[8]. Роганов, С.А. Синтетические наркотики: вопросы расследования преступлений [Текст]: учебное пособие / С.А. Роганов. – Минск, 2001. – 224 с.

[11]. Романова, Л.И. Наркопреступность: цена, характеристика, политика борьбы [Текст] / Л.И. Романова монография / Л. И. Романова. – М., 2010. – 302 с.

[10]. Смагоринский, Б.П. Расследование преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотических средств и психотропных веществ [Текст]: учебное пособие / Б.П. Смагоринский. – М., 2001. – 212 с.

[11]. Чистова, Л.Е. Методика расследования преступлений, связанных с организацией либо содержанием притонов для потребления наркотических средств и психотропных веществ [Текст]: учебно-методическое пособие / Л.Е. Чистова. – М., 2011. – 104 с.

## II. Диссертации и авторефераты диссертаций

[12]. Абдуллозода, Н.Р. Правовая основа взаимодействия органов внутренних дел Республики Таджикистан и органов внутренних дел Российской Федерации в сфере оперативно-розыскной деятельности по борьбе с незаконным оборотом наркотиков [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 5.1.4. / Аблуллозода Неъматулло Рахматулло. – Москва, 2023. – 229 с.

[13]. Абдуллозода, С.А. Административная ответственность за правонарушения, связанные с наркотическими средствами и психотропными веществами по законодательству Российской Федерации и Республики Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 5.1.2. / Аблуллозода Саъдулло Абдулло. – Москва, 2023. – 197 с.

[14]. Алексеева, А.П. Комплексное предупреждение наркотизма среди молодежи на региональном уровне: Теоретические и прикладные аспекты [Текст]: дис… канд. юрид. наук: 12.00.08 / Алексеева Анна Павловна. – Волгоград, 2004. – 225 с.

[15]. Алиев, А.Н. Криминалистическая характеристика контрабанды наркотических средств, совершаемой членами

организованных преступных формирований (по материалам Республики Таджикистан) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.12 / Алиев Алиджон Носиржонович. – Люберцы, 2013. – 175 с.

[16]. Верютин, В.Н. Особенности расследования незаконного сбыта наркотических средств их потребителям [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Верютин Владимир Николаевич. – Волгоград, 2001. – 252 с.

[17]. Вершицкая, Г.В. Проблемы криминалистического исследования наркотических средств и сильнодействующих веществ [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Вершицкая Галина Валентиновна. – Саратов, 2001. – 218 с.

[18]. Есина, О.А. Особенности расследования преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотических средств [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Есина Ольга Александровна. – Уфа, 2004. – 162 с.

[19]. Игнатенко, Е.А. Методика расследования незаконной пересылки наркотических средств [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.12 / Игнатенко Евгений Александрович. – Благовещенск, 2015. – 208 с.

[20]. Кодиров, Д.С. Незаконный оборот наркотических средств: особенности методики расследования (по материалам Республики Таджикистан) [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.12 / Кодиров Далер Сайфуллоевич. – Москва, 2017. – 187 с.

[21]. Муродзода, Ф.Р. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика незаконного оборота прекурсоров в Республике Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Муродзода Фируза Рузибой. – Душанбе, 2022. – 195 с.

[22]. Мусаев, А.Н. Механизм противодействия незаконному обороту наркотических средств и психотропных веществ: Теоретико-прикладной анализ [Текст]: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.09 / Мусаев Алауди Нажмудинович. – Санкт-Петербург, 2003. – 46 с.

[23]. Нажбудинов, М.А. Правовые и организационные основы взаимодействия органов внутренних дел с институтами гражданского общества в Республике Таджикистан в сфере противодействия наркотизации населения [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.11 / Нажбудинов Мухридин Амрудинович. – Москва, 2015. – 254 с.

[24]. Пупцева, А.В. Особенности раскрытия и расследования незаконных перевозки, пересылки наркотических средств и психотропных веществ (по материалам правоохранительных органов

Южного федерального округа [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Пупцева Анна Викторовна. – Екатеринбург, 2012. – 212 с.

[25]. Селёзнева, Е.А. Технико-криминалистическое обеспечение выявления, раскрытия и расследования преступлений, связанных с вовлечением несовершеннолетних в сбыт наркотиков [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Селёзнева Елизавета Алексеевна. – Саратов, 2007. – 259 с.

[26]. Хайров, Ф.М. Уголовная ответственность за незаконный оборот прекурсоров наркотических средств и психотропных веществ, а также растений, содержащих прекурсоры наркотических средств и психотропных веществ либо их частей, содержащих прекурсоры наркотических средств и психотропных веществ, по законодательству Российской Федерации и Республики Таджикистан [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Хайров Фирдавс Мадуллоевич. – Москва, 2017. – 168 с.

[27]. Хусейнова, М.С. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика незаконного оборота наркотических средств по законодательству Республики Таджикистан [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Хусейнова Мижгона Собировна. – Душанбе, 2021. – 243 с.

[28]. Худжамкулов, А.Х. Деятельность органов безопасности Республики Таджикистан в процессе противодействия незаконному обороту наркотиков [Текст]: дис. ... канд. полит. наук: 23.00.02 / Худжакулов Амирхон Хамрохонович. – Душанбе, 2015. – 141 с.

## III. Электронные ресурсы

[29]. Общие сведения о состоянии преступности по Республике Таджикистан (2014-2024 гг.). Документ опубликован не был. Доступ из СПС ГИАЦ МВД по Республике Таджикистан.

**АННОТАЦИЯ**

**на диссертацию Рустамзода Зарины Рустам на тему: «Теоретические и прикладные аспекты тактико-криминалистического обеспечения расследования преступлений в сфере незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ (по материалам Республики Таджикистан)» на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 5.5.12. Криминалистика; судебно-экспертная деятельность; оперативно-розыскная деятельность (юридические науки)**

**Ключевые слова:** незаконный оборот, наркотические средства, психотропные вещества, тактико-криминалистическое обеспечение, расследование, следователь, оперативник.

Целью диссертационого иследования Рустамзода З.Р. является осуществление всестороннего анализа и выработка рекомендаций по улучшению тактико-криминалистического обеспечения расследования преступлений в сфере незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ в Республике Таджикистан.

Методологической основой исследования является диалектический метод познания социальных явлений и процессов, позволяющий рассматривать их в постоянном развитии, в тесной взаимосвязи и взаимозависимости. В ходе исследования применялись логический, системный и сравнительно-правовой методы, проводились конкретно-социологические исследования и обобщение судебно-следственной и оперативно-розыскной практики деятельности правоохранительной деятельности Республики Таджикистан.

Научная новизна диссертационного исследования заключается в том, что соискатель осуществила попытку более глубокого и всестороннего исследования проблем, возникающих при расследовании незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ на территории Республики Таджикистан. Для этого был проведен анализ правовых, организационных, тактических и методических аспектов сотрудничества между следователями и подразделениями по противодействию незаконному обороту наркотиков, и разработана теоретическая база групповой методики расследования преступлений данного рода. Применение полученных научных выводов позволило оптимизировать работу органов предварительного следствия в расследовании незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ в Республике Таджикистан.

# АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Рустамзода Зарина Рустам дар мавзуи: «Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таъминоти тактикӣ-криминалистии тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ» (дар асоси маводди Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**Калидвожаҳо:** ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ, таъминоти тактикӣ ва криминалистӣ, тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, муфаттиш, корманди оперативӣ.

Мақсади тадқиқоти диссертатсионии Рустамзода З. Р. амалӣ намудани таҳлили ҳамаҷониба ва таҳияи тавсияҳо оид ба беҳтар намудани таъминоти тактикӣ-криминалистии тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Асоси методологии тадқиқотро усули диалектикии дарки ҳодиса ва равандҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо дар инкишофи доимӣ, дар робитаи зич ва вобастагии ҳамдигар амалӣ карда мешаванд. Ҳангоми гузаронидани тадқиқот усулҳои мантиқӣ, системавӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода шуда, тадқиқоти мушаххаси сотсиологӣ ва ҷамъбасти амалияи судӣ-тафтишотӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд.

Навоварии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ дар он мебошад, ки диссертант барои тадқиқоти амиқтар ва ҳамаҷонибаи проблемаҳо, ки ҳангоми тафтиши муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадаанд, кӯшиш ба харҷ додаст. Бо ин мақсад таҳлили ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, тактикӣ ва методии ҳамкории муфаттишон ва воҳидҳои мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор гузаронида шуда, заминаи назариявии методикаи гуруҳии тафтиши ҷиноятҳои ин намуд таҳия карда шудаст. Татбиқи натиҷаҳои илмии бадастомада имконият дод, ки кори мақомоти тафтишоти пешакӣ дар тафтиши муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар карда шавад.

## ANNOTATION

**on the dissertation of Rustamzoda Zarina Rustam on the topic: "Theoretical and applied aspects of tactical and forensic support for the investigation of crimes in the field of illicit trafficking in narcotic drugs and psychotropic substances (based on the materials of the Republic of Tajikistan)" for the degree of Candidate of Legal Sciences in the specialty 5.5.12. Criminalistics; forensic activities; operational-search activities (legal sciences)**

**Keywords:** illicit trafficking, narcotics, psychotropic substances, tactical and forensic support, investigation, investigator, operative.

The purpose of Rustamzoda Z.R. dissertation research is to conduct a comprehensive analysis and develop recommendations for improving the tactical and forensic support for the investigation of crimes related to the illicit trafficking of narcotic drugs and psychotropic substances in the Republic of Tajikistan.

The methodological basis of the study is the dialectical method of cognition of social phenomena and processes, which allows us to consider them in constant development, in close interconnection and interdependence. The study used logical, systematic, and comparative-legal methods, as well as specific sociological research and generalization of judicial, investigative, and operational-search practices in the law enforcement activities of the Republic of Tajikistan.

The scientific novelty of the dissertation research lies in the fact that the applicant attempted to conduct a more in-depth and comprehensive study of the problems that arise during the investigation of illegal trafficking in narcotic drugs and psychotropic substances in the Republic of Tajikistan. To achieve this, the author analyzed the legal, organizational, tactical, and methodological aspects of cooperation between investigators and anti-drug units, and developed a theoretical framework for a group-based methodology for investigating such crimes. The application of these scientific findings has helped to optimize the work of the preliminary investigation bodies in the investigation of illegal trafficking in narcotic drugs and psychotropic substances in the Republic of Tajikistan.